# СУРАТҶАЛАСАИ № 56

## аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 01-уми августи соли 2025 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ
10 нафар (аз ҷумла 3 нафар д.и.п. ба тариқи онлайнӣ).

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Сабурӣ Хайрулло
2. Ҳамробоев Насимҷон
3. Абдуллоева Меҳриниссо (онлайн)
4. Азизов Абдулатиф
5. Бобоева Сайёра
6. Давлатзода Ҷамила (онлайн)
7. Исломов Озод
8. Мухаметов Гапур (онлайн)
9. Файзализода Баҳрулло (онлайн)
10. Шаропов Шавкатҷон

**Раиси Шуро:** д.и.п., профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26-уми апрели соли 2024, таҳти № 144/ш.д. тасдиқ гардидааст, 10 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 4 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 10 нафар ҳозирбудагон 5 нафар доктори илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошанд. Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

## РӮЗНОМА:

1. Баррасии хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ дар хусуси ба баррасӣ қабул намудан ва иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Примов Мӯҳсин Муслимҷонович** дар мавзуи **“Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои бехтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ва муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

Дар бораи оғоз намудани ҷаласа чӣ гуна фикрҳо ҳаст? Таклиф шуд, ки чун кворум ҳаст, ҷаласа оғоз карда шавад. Ҳар касе тарафдори оғоз намудани маҷлис бошад, хоҳиш мекунам, раъйи худро маълум намояд.

Тарафдор? – “Ҳама”; Зид? - “Нест”; Бетараф – “Нест”.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос намудани аъзои Шуро бо хулосаи комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ суханро ба Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов Абдулатиф вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдулатиф Азизов, баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Примов Мӯҳсин Муслимҷонович** дар мавзуи **“Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки таҳқиқоти мазкур ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи тахшхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Примов Мӯҳсин Муслимҷонович** дар мавзуи **“Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Назаров Аҳтам Пулотович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологиям информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муқарризи расмии дуюм – - Бобокалонов Суҳроб Нозимович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори раёсати тарбияи МДТ "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода"

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»..

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Бобоева С.Б.** - доктори илмҳои психология, дотсент;

4. Санаи ҳимояи диссертатсия **10-уми октябри соли 2025**, **соати 13** $^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.п., профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., профессор Н.А. Ҳамробоев